**Таҳлили**
**иҷроиши Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол**

**Шарҳи мухтасари иҷрои Консепсия**

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи 2015 сол, таҳти №327 Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017 тасдиқ шудааст. Мақсади асосии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ин таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, соддагардонии ҷараёни мурофиаи судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилотҳо, таъмини қонунияту адолат ва дар заминаи он такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Банди 7 Барнома ва банди 5 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи мазкур таҳия ва қабули Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ ва манзури пешниҳодҳо вобаста ба такмили қонунгузории ёрии ҳуқуқиро пешбинӣ намуда буданд.

Бо дастрасии Барномаи дар болозикргардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли 2015 сол, таҳти №425 Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Консепсия) қабул гардидааст.

Барои татбиқи Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015, таҳти №704 Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и Вазорати адлияиҶумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Муассиса), ки аз ҷониби шарикони рушд: Филиали Ассотсиатсияи «Хелветас Свисс Интеркооперейшен» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ карда мешавад, таъсис дода шуд.

Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» барои таҷрибакунонии моделҳо ва ташкили бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ ва муайян кардани модели самаранок ва камхарҷтар оид ба ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа, инчунин муқаррар кардани механизми муносиб барои расонидани ёрии ҳуқуқии ихтисосноки дуюмдараҷа аз ҷониби адвокатҳо таъсис дода шудааст.

Вазифаҳои Муассиса барои ноил гаштан ба мақсадҳои зерин равона шудаанд:

- таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ барои аҳолӣ;
- расонидани ёрии ҳуқуқии ихтисоснок ба аҳолӣ;
- ҳалли масъалаҳо то муроҷиат ба суд;
- маҳви бесаводии ҳуқуқии шаҳрвандон.

Бо мақсади таъмин кардани дастгоҳи марказии Муассиса ва бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ бо кадрҳо, дар солҳои **2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол** барои ишғол намудани мансабҳои холӣ озмунҳо гузаронида шуд. Ҳамин тавр 11 корманди касбӣ барои дастгоҳи марказии Муассиса ва 33 ҳуқуқшинос ба бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ ба кор қабул карда шуданд.

Вобаста ба муаррифӣ кардани ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ ба мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ Муовини якуми Вазири адлияи Ҷумҳурии

Created by Universal Document Converter

Тоҷикистон бо ҳамроҳии Директор ва кормандони Муассиса, инчунин намояндаҳои шарикони рушд ба шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ сафар намуданд.

Барои ташкил кардани шароитҳои корӣ барои ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ ба ҳуқуқшиносон барои харидорӣ намудани мебел маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шудаанд.

Бо мақсади амалӣ гардонидани фаъолияте, ки ба ташаккули низоми ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа бо роҳи таҷрибакунонии моделҳои дар Консепсия пешбинӣ шуда, барои интихоби шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ маҳакҳои умумӣ истифода шудаанд, ки ба шумораи аҳолӣ, ҳудуди шаҳру ноҳия ва зичии аҳолӣ тааллуқ доранд. Ғайр аз ин, имкониятҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди бино ба бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ ба назар гирифта шудаанд. Бо истифода аз маҳакҳои мазкур дар солҳои 2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол – 24 шаҳру ноҳияҳои зерин интихоб карда шудаанд: шаҳрҳои Хоруғ, Ваҳдат, Исфара, Истаравшан, Конибодом, Панҷакент Турсунзода ва ноҳияҳои Ҷайҳун, Деваштич, Нуробод, Ҷ.Расулов, Дустӣ, Б.Ғафуров, Ёвон, Спитамен, Тоҷикобод, Рашт, Ховалинг, Муъминобод, Қабодиён, Восеъ, Ҷ.Балхӣ Шаҳринав ва Ашт таҷриба шуда истодаанд..

**Модели №1.1.** дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ҷайҳун, Деваштич, Нуробод, Ҷ.Расулов, Дустӣ;

**Модели №1.2.** дар шаҳрҳои Ваҳдат, Исфара, Истаравшан, Турсунзода ва ноҳияҳои Б.Ғафуров, Ёвон, Спитамен, Тоҷикобод, Рашт, Ховалинг, Муъминобод, Қабодиён;

**Модели №2** дар шаҳрҳои Конибодом, Панҷакент ва ноҳияҳои Восеъ, Ҷ.Балхӣ Шаҳринав, Ашт таҷриба шуда истодаанд.

Дастгоҳи марказии Муассиса мунтазам фаъолияти бюроҳои давлатии ҳуқуқиро назорат, ҳамоҳанг ва таҳлил менамояд. Дар давраи таҷрибакунӣ Муассиса ва шарикони рушд комёбиҳои муайянро ноил гаштанд, дар навбати аввал бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ ташкил карда шудаанд, ки пурра фаъолият менамоянд ва ба муроҷиаткунандагон ёрии ройгон пешниҳод мекунанд.

## Шарҳи вазъ оиди дастрасӣ ба адолати судӣ

Ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ҳуқуқи конститутсионӣ буда, ҳатто дар шароити ҳолати фавқулодда маҳдуд карда намешавад. Дар Тоҷикистон адолати судӣ танҳо аз ҷониби судҳо амалӣ мегардад. Ягон мақомоти дигар ва шахсон ҳуқуқи амалӣ намудани мурофиаи судиро надоранд. Ҳокимияти судӣ фаъолияти худро тавассутӣ мурофиаи суди конститутсионӣ, граждані, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалӣ менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ ислоҳотҳои зерин гузаронида шудаанд:

### ***Ислоҳоти низоми судӣ***

Бо мақсади такмил додани низоми судӣ-ҳуқуқии кишвар ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ 5 январи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017

Created by Universal Document Converter

тасдиқ шудааст, ки ҳуҷҷати сеюми пай дар пайи низоми кишвар, ки ба ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ равона шудааст.

Мақсади асосии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ минбаъда устувор намудани ҳокимияти судӣ, соддагардонии рафти мурофиаи судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо, таъмини қонунияту адолатмебошад ва дар ин заминатакмил додани фаъолияти мақомотҳои судии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар барнома такмилдиҳии сохтор ва фаъолияти судҳо, ҳамоҳангкунии қонунгузории мурофиавӣ, инкишофи низоми адлияи ноболиғон, ислоҳоти истеҳсолоти иҷро ва беҳтаркунии базаи моддӣ-техникии судҳо, пешбинӣ шудааст.

### *Ислоҳоти низоми расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон*

Имрӯз дар Тоҷикистон низоми аниқи муназзами давлатии расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба шахсони камбизоат ва ниёзмандонвуҷуд надорад, инчунин ба дигар гурӯҳҳои аҳолӣ бинобар сабаби мавҷуд набудани қонуни алоҳида, ё ин ки санади меъёрӣ-ҳуқуқии ягона, ки масъалаҳои расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ва тартиби пардохт барои ингуна ёриро ба танзим медарорад. Дар кишвар буҷети мустақилона оид ба пардохти хизматрасониҳои адвокатҳо барои ёрии ҳуқуқии расонидашуда вобаста ба парвандаҳои «таъинӣ»-и мақомотҳои тафтишот ва судӣ вуҷуд надорад.

Мақомотҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ҳангоми муроҷиаташон иттилоотии ҳуқуқӣ пешкаш менамоянд, аз ҳисоби буҷети давлатӣ қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳо дастгирӣ мешаванд. Дар назди шӯъбаи Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабулгоҳҳои Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар маҳалҳо марказҳои бӯҳронии ҷумҳуриявӣ мавҷуд мебошанд, ки ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд. Ғайр аз ин ёрии ҳуқуқии ройгон ба табақаи аҳолии камбизоат дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳои гуногун аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ аз хисоби маблағҳои донорҳои байналмилалӣ. Вале ҳамаи ин талаботҳои аҳолиро барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ихтисосноки босифат дар ҳаҷми пурра таъмин намекунад.

Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва такмилдиҳии низоми ёрии ҳуқуқии ройгон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 июли соли 2015 Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, ки барои ислоҳоти ҷиддии низоми мазкур равона шудааст.

Консепсия барои ташкили низоми ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа ва дуюмдараҷа, дар натиҷа таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» равона шудааст.

Дар таҳияи Консепсия ҳам намояндаҳои сохторҳои давлатӣ ва ҳам намояндаҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ иштирок доштанд. Амалигардонии Консепсия дар давоми 8 сол ба назар гирифта шудааст. Консепсия барои иҷрои банди 7 Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ

Created by Universal Document Converter

барои солҳои 2015-2017 қабул шуда, ки ба ёрии ҳуқуқии ройгон бахшида шудааст, хусусан таҳия ва пешниҳоди Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқӣ, инчунин такмилдиҳии қонунгузорӣ дар соҳаи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон.

а) давраи таҷрибавӣ ба мӯҳлати 3 сол шумурда шудааст. Барои маблағгузории таҷрибакунии моделҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии якумдараҷаи ройгон маблағҳои донорӣ ба андозаи 90% аз маблағи пулии умумии хароҷотмешуда, ҷалб карда мешаванд, саҳми давлат 10%-ро ташкил медиҳад;

b) давраи гузариш ба мӯҳлати 5 сол шумурда шудааст, ки дар давоми он ёрии ҳуқуқии якумдараҷа ва дуюмдараҷаи ройгон ҷорӣ карда шуда, саҳми давлат дар маблағгузории хароҷотҳо тадриҷан баланд мешавад.

Тибқи Консепсия се модели таҷрибакунонии ёрии ҳуқуқии якумдараҷаи ройгон муқаррар карда шудаанд: модели якум ва дуюм тавассути бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ, машваратҳои сайёри ҳуқуқшиносон ба ҷамоатҳову деҳаҳо, ҷалб кардани машваратчиён дар ҷамоатҳову деҳаҳо ва хатти алоқаи фаврӣ амалӣ карда мешаванд. Модели сеюм барои фароҳам овардани шароит вобаста ба иштироки намояндаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва Иттифоқи адвокатҳо дар озмун (тендер) оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба аҳолӣ дар ноҳияҳои алоҳида, равона шудааст.

Дар марҳалаи аввал Консепсия ба шумораи шахсоне, ки ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷаи ройгон вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ доранд, зумраи зерини шаҳрвандонро дар бар мегирад:

- шахсоне, ки расман бекор эътироф шуда, дар қайди мақомоти шуғли аҳолӣ қарор доранд;
- шахсоне, ки даромади онҳо дар як моҳ аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як аъзои оила пасттар аст;
- занҳое, ки яккаву танҳо фарзандонашонро тарбия менамоянд;
- ба ноболиғоне, ки васӣ ё парастор надоранд;
- шахсони маъюб;
- донишҷӯён;
- нафақахӯрон;
- шахсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ва шиканҷа зарар дидаанд, хешовандони наздик ва аъзои оилаи онҳо;
- шахсоне, ки ҳангоми иҷрои хизмати ҳарбӣ зарар дидаанд, волидон ва аъзои оилаи онҳо;
- гурезаҳо.

### *Ислоҳоти низоми адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ*

Асоси ислоҳоти институти адвокатураи Тоҷикистонро Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 ва Барномаи

Created by Universal Document Converter

ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 тақозо намуда буданд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин бор ба институти адвокатура аҳамият дода шуда, зарурияти ислоҳоти адвокатура эълон карда шуд. Қайд карда шуд, ки таъмини дастрасии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии баландихтисос масъалаи муҳим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад тавсия дода шуд, ки низоми адвокатура аз нав дида баромада шуда, дар навбати аввал Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия шуда, қабул карда шавад.

Дар Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 пешбинӣ шуда буд, ки барои такмил додани фаъолияти оид ба расонидани ёрии ҳуқуқии баландихтисос таҳия ва пешниҳоди санади қонунгузорӣ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Дар Тоҷикистон фаъолияти адвокатӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз 4 ноябри соли 1995 ба тартиб дароварда шуда буд, ки аз аввал мақоми Қонуни конститутсиониро дошт. Аммо 22 июли соли 2003 баъд аз гузарондани раъйпурсӣ ба моддаи 92 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳо ворид карда шуданд, ки мутобиқи онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» мақоми Қонуни конститутсиониро аз даст дод.

18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» қабул гардида, 28 марти соли 2015 мавриди амал қарор дода шуд.

### *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»*

18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» қабул карда шуд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ва кафолати давлатии амалигардониашонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Дар қонун кафолатҳо барои кӯдакони ятим, бепарасторон, маъюбон ва дигар кӯдакон, ҳуқуқҳо ба таҳсил, таъминоти тиббӣ, иҷтимоӣ ва таъминоти дигар дарҷ шудаанд.

Дар моддаи 41 Қонуни мазкур, аз ҷумла кафолатҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ройгон ба кӯдакони ятим ва бепарасторон пешбинӣ гардидааст. Ҳамин муқаррарот бо рӯйхати шахсоне, ки барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгоне, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» дарҷ гардидаанд, ҳуқуқ доранд мутобиқат мекунад.

Моҳиятан Қонуни номбурда хусусияти ҳаволакунанда дорад, яъне ҳамаи муқарраротaш ба қонунгузории амалкунанда бе нишон додани он дар матни худи Қонун ҳавола медиҳанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» бо хусусияти ҳаволадиҳандааш ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» хеле монанд мебошад.

### *Тағйиротҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба соддакунии расмиёти фарзандхондӣ равона шудаанд*

Created by Universal Document Converter

Парламенти мамлакат тағйиротҳоро ба қонунгузории Тоҷикистон, ки тартиби фарзандхондии кӯдакони ятим соддатар мешавад, қабул намуд.

Тағйиротҳои қабулгардида ба қонунгузорӣ падару модари эҳтимолиро аз пардохти боҷи давлатӣ ҳангоми баррасии аризаашон оид ба фарзандхондӣ аз ҷониби судҳо, озод мекунад. Ғайр аз ин, феҳристи ягонаи ҷумҳуриявии ятимони кишвар таъсис дода шудааст.

Тағйиротҳо барои содда гардондани расмиёти фарзандхондӣ ворид карда шудаанд, зеро монеаи асосӣ дар роҳи падархондҳо мақомотҳои васоят ва парасторӣ буданд, ки оид ба кӯдаконе, ки ба фарзандхондӣ ниёз доштанд маълумоти ғайрирӯзмарра пешниҳод мекарданд. Таъсис додани феҳристи ягонаи ҷумҳуриявии ятимони кишвар дар сурати ошкоро ва дастрас буданаш барои падархондон, тезондани суръат ва содда кардани расмиёти фарзандхондиро имконият медиҳад.

**Баланд бардоштани иқтидори ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ**

Дар давоми 2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол бо мақсади баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии кормандони Муассиса ва ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ дар соҳаи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон хеле чорабиниҳои омӯзишии (тренингҳои) зиёд баргузор карда шуданд.

Барои кормандони Муасиса ва ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ танҳо дар соли 2018 чорабинии омӯзиши (тренинг) дар мавзӯъи "Тартиби муроҷиат кардан ба суд оид ба баъзе категорияҳои парвандаҳои граждани ва оилавӣ" гузаронида шуд.

Санаи 08.07. то 13.07.2018 сол аз ҷониби шарикони рушд «Хелветас Свисс Интеркоорперейшен» дар Тоҷикистон барои кормандони Муасиса ва ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ «Тимбилдинг» гузаронида шуд, ки он дар маркази таълимии Бонки миллӣ баргузор гардид.

Барои кормандони Муасиса ва ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ аз 25.09. то 28.09.2018 сол дар истироҳатгоҳи "Сароб" омӯзиш (тренинг) дар мавзӯҳои "Масъалаҳои таъмини нафақа ва тартиби муроҷиат ба идора ва мақомотҳои давлатӣ" дар асоси расонидани ёрии ҳуқуқии якумдараҷа гузаронида шуд.

Барои хукуқшиносон ва пара-ҳуқуқшиносон аз 23.10. то 24.10.2018 сол конфронс оиди фаъолияти пара-ҳуқуқшиносон дар давраи 2017 ва соли 2018 баргузор гардид.

Аз ҷониби ташкилоти байналмилали «Terre des homes» аз санаи 08.11. то 09.11.2018 сол дар Вазорати адлия тренинг дар мавзъӯи "Хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва психологии ҳимояи кӯдакон дар системаи адолати судӣ" баргузор шуд.

Моҳи марти соли 2018 ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқии шаҳри Исфара ва ноҳияҳои Ҷ.Балхӣ, Нуробод, Тоҷикобод, Дӯстӣ ва Ашт дар тренинге, ки аз ҷониби Муассиса дар дафтари Филиали Ассотсиатсияи "Хелветас Свисс Интеркоорперейшен" дар Тоҷикистон ташкил шуда дар мавзӯъҳои зерин иштирок намудаанд:

- шиносоӣ ва идора намудани низоми идоракунии парвандаҳо аз ҷониби ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ;
- шиносоӣ бо Консепсия оид ба пара-ҳуқуқшиносон ва мафҳумҳои асосӣ;

Қайд кардан ба маврид аст, ки вобаста ба баланд бардоштани иқтидор дар намуди худинкишофёбӣ, ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ аз маҳзани марказонидашудаи

Created by Universal Document Converter

иттилооти ҳуқуқии «Адлия», ки бо тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ онҳоро таъмин менамояд, истифода мебаранд.

**Баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ (ҷаласаҳои иттилоотӣ-ҳуқуқии сайёр)**

Ҷаласаҳои иттилоотӣ-ҳуқуқии сайёр дар модели №1.1, ки дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷайхун, Деваштич, Хоруғ, Дж.Расулов, Нуробод ва Дустӣ амалӣ мешаванд, пешбинӣ шудаанд. Ҳуқуқшиносони шаҳру ноҳияҳои мазкур нақшаҳои дахлдорро таҳия мекунанд, ки байни ҳуқуқшиносон ҷамоатҳо барои гузаронидани ҷаласаҳои иттилоотӣ – ҳуқуқии сайёр дақиқ тақсим шуда, ба Муасиса барои тасдиқ кардан пешниҳод менамоянд.

Дар баробари дар бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ пешкаш намудани ёрии ҳуқуқии якумдараҷа, ҳуқуқшиносони бюрои давлатии ҳуқуқӣ, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ҷаласаҳои ҳуқуқии сайёр баргузор менамоянд. Ҷаласаҳои иттилоотӣ-ҳуқуқии сайёр дар ҳамаи ҷамоатҳои ноҳияҳо ташкил карда шуда, вобаста ба мавзӯҳои доғ ва рӯзмарраи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ба аҳолӣ итилооти зарурӣ пешкаш мегардад.

Дар солҳои **2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол** аз ҷониби ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ ҷаласаҳои иттилоотӣ-ҳуқуқии сайёр мутобиқи нақшаи тасдиқшуда, дар мавзӯъи муносибатҳои оилавӣ, ҳуқуқ ба мерос, пешгирии зуроварӣ дар оила гузаронида шудаанд. Маълумоти пурра дар ҷадвали №1 нишон дода шудааст:

| Давра | Шумораи умумии ҷаласаҳои иттилоотӣ-ҳуқуқии сайёр | Шумораи умумии иштирокчиёни ҷаласаҳо | Тақсимоти ҷинсӣ | | Машваратҳои ройгони баъд аз ҷаласаи сайёр | Шумораи шахсони имкониятaшон маҳдуд аз шумораи умумии иштирокчиёни ҷаласаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Зан | Мард | | |
| 2016 сол | 90 | 2 580 | 1 610 | 970 | 160 | 44 |
| 2017 сол | 169 | 4 567 | 2 444 | 2 123 | 237 | 49 |
| 2018 сол | 227 | 5 382 | 2 705 | 2 677 | 231 | 20 |
| то 20.05.2019 сол | 45 | 1 087 | 519 | 568 | 122 | 0 |
| | | | | | | |
| **Ҷамъ** | **531** | **13 616** | **7 278** | **6 338** | **750** | **113** |

ҶадвалиN°1

Ҳамин тариқ, дар солҳои 2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ **13 616** шаҳрвандон бо ҷаласаҳои сайёр ва **750** нафари дигар бо машваратҳои ройгони баъд аз ҷаласаи сайёр, ки дар умум **14 366** нафарро ташкил медиҳанд, фаро гирифта шуданд.

Барои дар байни аҳолӣ паҳн намудани иттилооти дақиқ доир ба Консепсия ва мақсаду ҳадафҳои он ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ дар маҳалҳо низ корҳоро оид ба огоҳонии аҳолӣ вобаста ба фаъолияташон ба роҳ мондаанд.

**Фаъолияти пара-ҳуқуқшиносон**

Институти нав, ба мисли пара-ҳуқуқшиносон дар м**одели №1.2.** дар шаҳрҳои Ваҳдат, Исфара, Истаравшан, Турсунзода ва ноҳияҳои Б.Ғафуров, Ёвон, Спитамен, Тоҷикобод, Рашт,

Created by Universal Document Converter

Ховалинг, Муъминобод, Қабодиён ва м**одели №2** дар шаҳрҳои Конибодом, Панҷакент ва ноҳияҳои Восеъ, Ҷ.Балхӣ Шаҳринав, Ашт таҷриба шуда истодааст.

Мутобиқи моделҳои №1.2 ва №2 ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикршуда барои расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба аҳолӣ бояд аз ҳисоби шахсоне, ки дар байни аҳолӣ обрӯи хоса доранд, ҷалб намоянд. Тайёр ва омӯзиши пара-ҳуқуқшиносонро дар рафти фаъолияти худ ҳуқуқшиносони бюрои давлатии ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд. Пара-ҳуқуқшиносон ба шаҳрвандон танҳо иттилооти ҳуқуқӣ пешкаш менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки фаъолияти пара-ҳуқуқшиносон аз ҷониби Муассиса дар соли 2017 ба роҳ монда шудааст. Маълумоти пурра оиди фаъолияти пара-ҳуқуқшиносон дар ҷадвали №2 нишон дода шудааст:

| Давра | Шумораи умумии иттилоотии ҳуқуқии ба шаҳрвандон пешкашшуда | Тақсимоти ҷинсӣ | | Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд аз шумораи умумии муроҷиаткунандагон |
|---|---|---|---|---|
| | | Зан | Мард | |
| 2017 сол | 1 671 | 638 | 1 033 | 41 |
| 2018 сол | 4 185 | 2 675 | 1 510 | 168 |
| до 20.05.2019 сол | 1 739 | 1 069 | 670 | 71 |
| | | | | |
| **Ҷамъ** | 7 595 | 4 382 | 3 213 | 280 |

Ҷадвали №2

Ҳамин тариқ, дар солҳои **2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол** дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ **7 595** шаҳрвандон бо расонидан ба онҳо иттилооти ҳуқуқӣ аз тарафи пара-ҳуқуқшиносон, фаро гирифта шуданд.

## Таҳлили маълумотҳои омории расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа

Маълумоти оморӣ дар бораи фаъолияти Муассиса дар солҳои **2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол**. Маълумоти пурра оиди фаъолияти пара-ҳуқуқшиносон дар ҷадвали №3 нишон дода шудааст:

| Давра | Шумораи умумии муроҷиаткунандагон | Тақсимоти ҷинсӣ | | Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд аз шумораи умумии муроҷиаткунандагон |
|---|---|---|---|---|
| | | Зан | Мард | |
| 2016 сол | 1 573 | 863 | 710 | 97 |
| 2017 сол | 4 894 | 2 799 | 2 095 | 202 |
| 2018 сол | 9 404 | 5 463 | 3 941 | 322 |
| то 20.05.2019 сол | 3 677 | 2 206 | 1 471 | 124 |
| | | | | |
| **Ҷамъ** | 19 548 | 11 331 | 8 217 | 745 |

Ҷадвали №3

Created by Universal Document Converter

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷаи бештар занҳо муроҷиат менамоянд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки занҳо қишри осебпазири ҷомеа ба шумор мераванд.

## Шумораи ёрии ҳуқуқӣ аз рӯи тақсимоти минтақавӣ: ВМКБ, Суғд, Хатлон ва НТҶ

| Минтақа | Шаҳр/Ноҳия | Шумораи муроҷиаткунандагон |
|---|---|---|
| ВМКБ | Хоруғ | 528 |
| Суғд | Панҷакент, Конибодом Истаравшан, Исфара, Ашт, Б.Ғафуров, Деваштич, Ҷ.Расулов, Спитамен | 10 466 |
| Хатлон | Восеъ, Ҷайҳун, Ёвон, Ҷ.Балхӣ, Дусти, Ховалинг, Муъминобод, Қабодиён | 5 753 |
| НТҶ | Ваҳдат, Турсунзода Шаҳринав, Нуробод, Тоҷикобод, Рашт | 2 801 |

Ҷадвали №4

- шумораи бештари муроҷиаткунандаҳо дар вилояти Суғд мебошанд, ки **10 466** нафарро, ё ин ки 54% муроҷиаткунандагонро ташкил медиҳад.

- шумораи муроҷиаткунандагон дар вилояти Хатлон **5 753** нафарро, ё ин ки 29% ташкил медиҳад.

- шумораи муроҷиаткунандагон дар НТҶ **2 801** нафарро, ё ин ки 14% ташкил медиҳад;

- аз ҳама кам барои ёрии ҳуқуқии ройгон ба бюрои давлатии ҳуқуқии ВМКБ – **528** нафар шаҳрвандон муроҷиат кардаанд, ки 3%-ро ташкил медиҳад.

## Шумораи ёрии ҳуқуқӣ аз рӯи тақсимоти шаҳру ноҳия

| № | Шаҳр/ноҳия | Шумораи муроҷиатҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | н. Ашт | 1423 | 13 | ш. Исфара | 522 |
| 2 | ш. Ваҳдат | 709 | 14 | н. Ёвон | 620 |
| 3 | н. Восеъ | 1460 | 15 | н. Ҷ.Балхӣ | 866 |

Created by Universal Document Converter

адвал и №5

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4 | ш. Панҷакент | 1495 | 16 | н. Дӯстӣ | 720 |
| 5 | н. Деваштич | 2395 | 17 | н. Нуробод | 860 |
| 6 | н. Ҷайхун | 2028 | 18 | н. Тоҷикобод | 230 |
| 7 | ш. Хоруғ | 528 | 19 | ш.Турсунзода | 5 |
| 8 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible]7 |
| 9 | н. Б.Ғафуров | 709 | 21 | н.Рашт | 9 |
| 10 | н. Спитамен | 769 | 22 | н.Ховалинг | 15 |
| 11 | ш. Конибодом | 1791 | 23 | н.Муъминобод | 25 |
| 12 | н. Шаҳринав | 988 | 24 | н.Қабодиён | 20 |

Ҷадва ли №6

## Шумораи умумӣ аз рӯи тақсимоти синну сол

Дар солҳои 2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол ба бюроҳои давлатии ҳуқуқии Муассиса **19 548** шаҳрванд муроҷиат кардаанд, ки шумораи бештарро синну соли аз 30–44 сола – **6 806** муроҷиаткардаро аз шумораи умумӣ ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи миёнаро шахсони 18–29 сола – **5 743** нафар, ташкил медиҳад. Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки **333** нафар шаҳванд ноболиғ ва **971** шахсони ба синну соли нафақа ва калонтар низ барои гирифтани ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа муроҷиат кардаанд.

## Шумораи муроҷиатҳо аз рӯи тақсимоти мушкилиҳои ҳуқуқӣ

| № | Муносибатҳои ҳуқуқӣ | Шумораи муроҷиатҳо |
|---|---|---|
| 1 | Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ | 9928 |
| 2 | Муносибатҳои ҳуқуқи замин | 2832 |
| 3 | Муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ | 1590 |
| 4 | Муносибатҳои ҳуқуқи мерос | 607 |
| 5 | Муносибатҳои ҳуқуқи манзил | 949 |
| 6 | Таъминоти иҷтимоӣ | 951 |
| 7 | Муносибатҳои ҳуқуқи меҳнат | 276 |
| 8 | Муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ | 347 |
| 9 | Муносибатҳои ҳуқуқи андоз | 83 |
| 10 | Ҳуқуқҳои инсон | 471 |
| 11 | Муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ | 849 |
| 12 | Муносибатҳои ҳуқуқии мурофиаи гражданӣ | 665 |

| Сину сол | Муносибатҳои ҳуқуқи андоз | Муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ | Муносибатҳои ҳуқуқи замин | Муносибатҳои ҳуқуқи манзил | Муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ | Муносибатҳои ҳуқуқи мерос | Муносибатҳои ҳуқуқи меҳнат | Муносибатҳои ҳуқуқи мурофиави гражданӣ | Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ | Муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ | Муносибатҳои ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ | Ҳуқуқи инсон | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 00 – 17 | 0 | 30 | 14 | 5 | 10 | 5 | 2 | 6 | 223 | 12 | 8 | 18 | 333 |
| 18 – 29 | 10 | 302 | 468 | 355 | 70 | 88 | 68 | 194 | 3803 | 200 | 71 | 104 | 5734 |
| 30 – 44 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | 204 | 3660 | 331 | 246 | 142 | 6806 |
| 45 – 64 | 47 | 659 | 1123 | 203 | 145 | 270 | 95 | 213 | 1999 | 263 | 516 | 175 | 5708 |
| 65 – 00 | 11 | 135 | 223 | 27 | 19 | 61 | 20 | 48 | 241 | 43 | 110 | 32 | 971 |
| Ҷамъ | 83 | 1590 | 2835 | 949 | 347 | 606 | 276 | 665 | 9926 | 849 | 951 | 471 | 19548 |

Ҷадвали №7

Аз ҷадвали дар боло зикргардида, дида мешавад, ки шумораи бештари муроҷиаткунандагон бо масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ муроҷиат кардаанд.

Created by Universal Document Converter

Вобаста ба муроҷиати зиёди шаҳрвандон оид ба масъалаҳои ҳуқуқи оилавӣ, соҳаи мазкурро аз рӯи категорияҳои алоҳида баррасӣ менамоем.

| № | Муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ | Шумораи муроҷиатҳо |
|---|---|---|
| 1 | Аснодҳои ҳолати шаҳрвандӣ | 894 |
| 2 | Масъалаҳои никоҳи шаҳрвандӣ ва динӣ | 140 |
| 3 | Ӯҳдадориҳои алиментӣ | 3627 |
| 4 | Бастан ва бекор кардани никоҳ | 3024 |
| 5 | Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои падару модарон ва фарзандон | 1090 |
| 6 | Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҳамсарон | 681 |
| 7 | Тақсими моликият | 610 |
| 8 | Фарзандхондӣ | 317 |
| 9 | Эътирофи падарӣ | 379 |
| 10 | Беэътибории никоҳ | 57 |
| 11 | Васояту парасторӣ нисбати ноболиғон | 95 |
| 12 | Никоҳ бо шаҳрванди хориҷӣ | 20 |

Ҷадвали №8

| № | Муносибатҳои ҳуқуқи замин | Шумораи муроҷиатҳо |
|---|---|---|
| 1 | Барҳамдиҳии хоҷагии деҳқонӣ/Баромад аз хоҷагии деҳқонӣ | 78 |
| 2 | Бекор намудани ҳуқуқи истифодаи замин | 50 |
| 3 | Иҷораи қитъаи замин | 43 |
| 4 | Мушкилиҳои ҳузур надоштани деҳқонҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ | 15 |
| 5 | Мушкилиҳои иҷтимои ва меҳнатӣ | 26 |
| 6 | Ҳифзи ҳуқуқҳои истифодаи замин ва баррасии баҳсҳои заминӣ | 466 |
| 7 | Мушкилиҳои бо гувоҳномаи ҳуқуқи истифодаи замин алоқаманд | 338 |
| 8 | Мушкилиҳои бо объёрии замин алоқаманд | 16 |
| 9 | Мушкилиҳои бо идораи хоҷагии деҳқонӣ алоқаманд | 93 |
| 10 | Мушкилиҳои бо мероси ҳуқуқи истифодаи замин алоқаманд | 39 |
| 11 | Тартиб ва шартҳои пешниҳоди замин | 1629 |
| 12 | Тартиби таъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ | 220 |
| 13 | Мушкилиҳои бо андозбандӣ алоқаманд | 10 |
| 14 | Мушкилиҳои бо қарзҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ алоқаманд | 11 |

Ҷадвали №9

| № | Муносибатҳои ҳуқуқи граждани | Шумораи муроҷиатҳо |
|---|---|---|
| 1 | Моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ/мудофиаи ҳуқуқи соҳибмулкӣ ва | 382 |

Created by Universal Document Converter

| | | |
|---|---|---|
| | дигар ҳуқуқҳои ашёӣ | |
| 2 | Аҳдҳо/аҳдҳои беэътибор | 72 |
| 3 | Фактҳое, ки аҳамияти ҳуқуқӣ доранд | 336 |
| 4 | Намояндагӣ/ваколатнома | 97 |
| 5 | Шартномаҳо/баҳси шартномаҳо | 207 |
| 6 | Расонидани зарар ва ҷавобгарӣ барои расонидани зарар | 97 |
| 7 | Мӯҳлат/мӯҳлати даъво | 34 |
| 8 | Қарз ва кредит | 205 |
| 9 | Шикоят аз болои ҳаракатҳои мақомоти давлатӣ/шахсони мансабдор/қарорҳо ва таъинотҳои суд | 109 |
| 10 | Ҳуқуқҳои ғайри молу мулкӣ ва ҳифзи онҳо | 127 |
| 11 | Васоят ва парасторӣ | 36 |
| 12 | Муносибатҳои ҳуқуқие, ки бо ҳуқуқи субектии шаҳрвандон алоқаманд аст | 77 |
| 13 | Ташкилотҳои тиҷоратӣ | 17 |
| 14 | Ноустуворона | 4 |

Ҷадвали №10

| № | Муносибатҳои ҳуқуқи манзил | Шумораи муроҷиатҳо |
|---|---|---|
| 1 | Истифодаи хобгоҳҳо | 2 |
| 2 | Меросхӯрон аз рӯи васият | 0 |
| 3 | Кӯчонидан бе пешниҳоди дигар манзили истиқоматӣ | 52 |
| 4 | Маскун кардан ба манзили истиқоматӣ | 744 |
| 5 | Истифодаи фонди манзил/таъмир/пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ | 7 |
| 6 | Иҷораи манзили истиқоматӣ | 6 |
| 7 | Кооперативи манзилӣ-сохтмонӣ | 3 |
| 8 | Фонди манзилии шахсӣ | 33 |
| 9 | Кӯчонидан бо пешниҳоди дигар манзили истиқоматӣ | 17 |
| 10 | Моликияти умумӣ ба манзили истиқоматӣ | 69 |
| 11 | Мубодилаи манзилҳои зист | 8 |
| 12 | Пешниҳоди манзили истиқоматии дар биноҳои фонди давлатӣ ва ҷамъиятӣ. Кироя | 16 |
| 13 | Шикоят аз болои ҳаракатҳои мақомоти давлатӣ/шахсони мансабдор/қарорҳо ва таъинотҳои суд | 0 |

Ҷадвали №11

| № | Гуруҳҳои иҷтимоӣ | Шумораи муроҷиатҳо |
|---|---|---|
| 1 | Бекори бақайдгирифтанашуда | 5678 |
| 2 | Муҳоҷири меҳнатӣ | 978 |

Created by Universal Document Converter

| | | |
|---|---|---|
| 3 | Шахс бо даромади паст | 4399 |
| 4 | Ноболиғ/кӯдакони ятим | 111 |
| 5 | Бекори бақайдгирифташуда | 1681 |
| 6 | Маъюб | 745 |
| 7 | Модар (падари) танҳо | 686 |
| 8 | Нафақахӯр | 1964 |
| 9 | Оилаи серфарзанд (зиёда аз 4) | 1709 |
| 10 | Дигар | 1569 |
| 11 | Нишон дода нашудааст | 5 |

Ҷадвали №12

Маълумотҳои оморӣ аз низоми идоракунии парвандаҳои ҳуқуқшиносон аз солҳои **2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол** гирифта шудаанд.

Дар умум таҳлили Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли 2015 сол, таҳти №425 тасдиқ гардидааст нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2016, 2017, 2018 ва то 20.05.2019 сол бо расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷа ба монанди расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ, гузарондани ҷаласаҳои иттилоотӣ-ҳуқуқии сайёр, пешкаши машваратҳои ройгони баъд аз ҷаласаи сайёр, расонидан ва паҳн кардани иттилооти ҳуқуқӣ тавассути пара-ҳуқуқшиносон **41 509** шаҳрванд фаро гирифта шудаанд, ки аз инҳо **31 658** зан, **21 182** мард ва аз шумораи умумӣ **1 138** шахсони имконияташон маҳдуд, мебошанд.

## Ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа

Вобаста ба таҷрибакунонии ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа қайд кардан ба маврид аст, ки дар дастгоҳи марказии Муассиса бахши махсус ташкил карда шуда, ҳуҷҷатҳои муваққатие, ки ин равандро ба танзим медароранд дар мувофиқа ба ҳамаи мақомот, вазорату идораҳо (субъектони расонандаи ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа) таҳия ва қабул гардидаанд.

Консепсия таҷрибакунонии ду модели ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷаро низ пешбинӣ менамояд, ки тавассути таъсиси маркази ҳамоҳангсозӣ (колл-сентр) дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд амалӣ карда шавад.

Аз 11.09.2017 Колл-сентри Муассиса фаъолияташро оғоз намуд, ки дар Колл-сентр 4 оператор фаъолият менамоянд.

Дар солҳои 2017 ва 2018 Муассиса модели якуми расонидани ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷаи ройгонро дар вилояти Суғд (шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон ва ноҳияи Б.Ғафуров) таҷриба намуд.

Аз соли 2019 бошад Муассиса ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷаро дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон таҷриба намуда истодааст.

Дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва Хатлон Феҳристи адвокатҳо аз ҷониби воҳиди сохтории Иттифоқи адвокатҳо дар вилоятҳо тартиб дода шудааст.

Created by Universal Document Converter

Бояд тазаккур намуд, ки раванди расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа, хусусан дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ, басо мушкил буда, бе ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура, суд ва дигар субъектони ин раванд имконнопазир аст.

Дар давраи таҷрибакунонии Консепсия, ҳангоми боздошти воқеии шахс, оғози парвандаи ҷиноятӣ, татбиқи чораи пешгирӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан, баррасии парвандаҳо дар судҳои марҳилаи якум, пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ, инчунин бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда дар минтақаҳои таҷрибавӣ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя бояд ба Колл-сентри Муассиса, ҷиҳати сафарбар кардани адвокат, тавассути занги телефонӣ дархост менамоянд.

Зимни қабули дархост операторони Муассиса бо адвокате, ки ӯро низоми автоматикунонидашудаи иттилоотӣ муайян мекунад дар тамос шуда, ӯро барои расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа сафарбар менамоянд.

Аз санаи 11.09.2017 то 20.05.2019 сол ба колл-сентри муассиса **1 190** – дархост бобати таъмин намудани шаҳрвандони камбизоат, ноболиғ, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё судшавандае, ки забони мурофиавиро намедонанд ва маъюбон ворид гардидаанд. Аз байни гумонбаршудагон, судшавандагон ва айбдоршудагон **152** – нафар занон ва **1 038** – нафар мардон мебошанд. Аз шумораи умумӣ (1 190) **195** нафар ноболиғ буда, **181** мард ва **14** нафар занон мебошанд.

Ҳаққи хизмати адвокатҳо аз рӯи тарифҳое, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, таҳти №325 тасдиқ шудааст, пардохт карда шуда истодааст.

Дар давраи аз 11.09.2017 то 20.05.2019 сол ба адвокатҳо барои хизматрасониҳояшон **89 965** сомонӣ пардохт карда шудааст.

## Масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ дар таҷриба

### Мушкилӣ дар гирифтани шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ

Таҳлили муроҷиатҳо бо муносибатҳои оилавӣ нишон додаанд, ки дар таҷрибаи фаъолияти кории бюрои давлатии ҳуқуқӣ чунин ҳолат мушоҳида шуд. Ба бюрои давлатии ҳуқуқӣ се мард бо як мушкилот муроҷиат намудаанд. Мушкилӣ дар он аст, ки ин мардон барои бекор кардани ақди никоҳ муроҷиат кардаанд. Баъди баррасии аризаҳои даъвогӣ аз ҷониби суд дар бораи бекор кардани никоҳи ин мардҳо қарор қабул кард. Ҳалномаҳои судӣ ба қувваи қонунӣ даромадаанд. Ҳуқуқшинос дар низоми идоракунии парванда менависад, ки барои гирифтани шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ онҳо ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳиявӣ муроҷиат кардаанд, ки бо сабабҳои номаълум барои додани шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ ҷавоби рад додаанд. Ва дар асл, мушкилот ин аст, ки раиси ноҳия бо мақсади паст кардани сатҳи ҷудошавии ҳамсарон дар минтақа ба бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳиявӣ дастури шифоҳӣ додааст, ки вобаста ба бекор кардани ақди никоҳ ба қайд гирифта нашаванд. Дар ин ҷо мо вайрон кардани хуқуқҳои граждании ин шахрвандонро мебинем.

Created by Universal Document Converter

Дар қисми 1 моддаи 15-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини менамояд, ки санадҳои судӣ, ки ба қувваи қонунӣ даромадаанд, бе истисно, барои ҳама мақомоти давлатӣ, ҳокимиятҳои маҳаллӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқей ва ҳуқуқӣ хатми буда, иҷроиши он дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

**Мушкилиҳо дар пардохти маблағи алимент**

Аз машваратҳое, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон оид ба руёнидани алимент пешниход шудаанд, сабабҳои напардохтани алимент гуногун мебошанд. Аз ҳама бештар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани алиментсупоранда, вазнин будани вазъи молиявии алиментсупоранда, дар муносибатҳои ғаразнок қарор доштани собиқ ҳамсарон, бемаъсулияти алиментсупоранда ва ғайра. Руёнидани алимент бо се сабабҳои пешин имконпазир аст, аммо қарздор барои муҳоҷирати меҳнатӣ берун аз кишвар барояд, пас алиементгиранда дар ҳолати мушкили иқтисодӣ қарор дорад. Барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвари асосии муҳоҷирати меҳнатӣ Федератсияи Россия мебошад. Барои иҷрочии суд муайян кардани ҷои истиқомати доимӣ ва ҷойи кори қарздор мушкил аст то ин, ки ба воситаи мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаи 54 Конвенсия оид ба ёрии хуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 07.10.2002 ҳалномаи судро оиди баэътироф ва иҷрои он ба Федератсияи Россия фиристад. Қарздорони муҳоҷир дар Федератсияи Россия аксар вақт ҷойи корӣ, ҷойгиршавӣ, маҳалли ҷойгиршавиро дигар мекунанд ва ба қайд намегиранд. Ҳамаи инҳо хуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро поймол мекунанд, ва ӯро аз дастгирии моддӣ аз ҷониби падар маҳдуд мекунанд.

Дар моддаи $42^1$-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» меъёр мавҷуд аст, ки агар дар натиҷаи иҷро накардани ҳалнома оиди пардохти алимент мувваққатан берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баромаданро маҳдуд менамояд.

Дар қисми якуми моддаи 1-уми Қонуни мазкур, қонунгузор иҷозат медиҳад, ки дар сурати бе сабабҳои узрнок иҷро накардани талаботҳои ҳуҷҷати иҷро, ки дар асоси аризаи ситонанда ё ин, ки бо ташабуси худ қарор дар бораи маҳдуд кардани алиментсупоранда берун аз худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадан қарор қабул менамояд.

Бояд қайд намуд, ки барои риоя намудани меъёрҳои дар боло зикршуда, бояд санадхои зерқонунӣ қабул карда шаванд. Механизми иҷроиш мавҷуд нест. Дастурамалҳои якҷоя, дастурҳо, тартиб ва қоидаҳои назорати сарҳадӣ, адлия, муҳочират ва дигарон, ки метавонист вазъиятро бо баромадани қарздорон ба танзим дарорад, муваққатан бо мақсади паст кардани сатҳи саркашӣ аз пардохти алимент рафтани онҳоро маҳдуд намояд.

**Мушкилӣ дар маскун намудан ба манзили истиқоматӣ**

Тавре таҳлил нишон медихад, бо чунин мушкилот танҳо заноне, ки собиқ хамсарони соҳиби хона ё аъзои оилаи соҳиби онҳо мебошанд, мурожиат мекунанд.

Пас аз пайдоиши мунокишаҳои оилавӣ дар оила ё бад шудани муносибатҳои ҳамсарон, дар аксари мавридҳо, ҳамсарон дар якҷоягӣ бо кӯдакони хурд аз хонаи шавҳар ё волидони ҳамсарро пеш менамоянд. Ин категорияи занон аз сабаби мушкилоти иқтисодӣ ва надоштани дигар манзили барои гирифтани ёрии ҳуқуқӣ мурожиат менамоянд.

Created by Universal Document Converter

Моддаи 121 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин меъёрро дар бар мегирад, ки аъзои оилаи молик ҳамсар ва фарзандони ҳамроҳашон доимӣ сукунатдошта ҳисоб меёбанд. Волидони зану шавҳар ва фарзандони онҳо, ки соҳиби оилаи худ мебошанд ва бо молик муқимӣ зиндагӣ мекунанд, танҳо бо розигии тарафҳо метавонанд аъзои оилаи молик дониста шаванд.

Дар ҳолатҳои мустасно инчунин дигар ашхос, ки молик муқимӣ истиқомат мекунанд ва бо ӯ хоҷагии умумиро пеш мебаранд, чун аъзои оилаи молик шинохта мешаванд. Хӯрандагони ғайри қобили меҳнат, агар бо молик муқимӣ зиндагӣ кунанд, аъзои оилаи ӯ дониста мешаванд. Дар мафҳуми меёър, имконпазир аст, ки дар ин ҷо собиқ ҳамсар, фарзанди соҳиби хона ва собиқ келинро дохил намоянд.

Масъалаи дигар ин аст, ки пас аз эътироф шудани аъзои оилаи соҳибмулк ё ин, ки шахсони сеюм, мумкин аст монеаҳои сунъӣ бунёд карда шаванд.

Дар таҷрибаи иҷрочиёни суд чунин мушкилот мавҷуд мебошад ҳангоме, ки муроҷиаткунандагон ба онҳо такроран барои иҷроиши иҷроварақа оиди маскун муроҷиат менамоянд. Дар низоми идоракунии парвандаҳо чунин ҳолат ба назар мерасад. Аз ҷониби иҷрочии суд зан дар асоси ҳалномаи судӣ ба манзили истиқоматии соҳибмулк маскун карда шудааст. Пас аз гузаштани муддати муайян бо сабабҳои номаълум ӯ бо навистани забонхат аз манзили истиқоматии қарздор баромада рафтааст. Пас аз гузаштани муддати дигар, ситонанда боз ба манзили қарздор омада, кӯшиши ба он маскун шуданро мекунад. Қарздор ба ӯ монеагӣ эҷод намуда, ба собиқ ҳамсараш бинобар навиштани забонхат иҷозати ба манзили истиқоматӣ ворид шуданро намедиҳад. Ҳалномаи судӣ оиди эътироф намудани ӯ ва фарзандаш аъзои оилаи молик ва маскун кардан ба манзили истиқоматии қарздор қувваи қонунии худро гум накардааст. Мутобиқ бо талаботи қисми 1 моддаи 82 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» маскун намудан ин аз тарафи иҷрочии суд бемамониат таъмин намудани воридшавии ситонандаро ба бинои дар ҳуҷҷати иҷро нишондодашуда ва аз истиқомат намудани вай дар ин бино иборат мебошад. Дар ин маврид ба қарздор фаҳмонида мешавад, ки маскун намудан ба таври маҷбурӣ амалӣ шуда истодааст ва ӯ ӯҳдадор аст барои истиқомати даъвогар мамониат накунад. Аз ҷониби ҳуқуқшиноси бюрои давлатии ҳуқуқӣ маслиҳат оиди муроҷиат ба суд дар бораи маскун шудан дода шудааст. Мутобиқи қисми 5 моддаи 82 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» агар баъди тартиб додани санад оид ба маскун кардани ситонанда қарздор боз аз нав барои истиқомати ситонанда мамониат намояд, истеҳсолоти иҷро аз рӯи ҳуҷҷати иҷрошуда мумкин аст аз нав оғоз карда шавад. Дар ҳамин ҳолати ситонанда бояд ба зан фаҳмонда дода мешуд, ки барои такроран маскун шудан ба иҷрочии суд, муроҷиат намояд.

**Мушкилии қонунгузорӣ**

Дар амалия як мушкилии назарраси муносибатҳои ҳуқуқии манзилӣ бо чунин хусусият сар мезанад. Инак, баъди аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудани собиқ ҳамсар ба манзил, соҳибмулк ба таври пурра ҳуқуқи соҳибмулкии худро истифода бурда наметавонад. Мутобиқи қисми 1 моддаи 232 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи моликият ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкаш мебошад. Дар қисми 2 моддаи зикршуда оварда шудааст, ки ба молик ҳуқуқи молу мулки худро соҳибӣ,

Created by Universal Document Converter

истифода ва ихтиёрдорӣ кардан дода шудааст. Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ин имконияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии молу мулк иборат мебошад. Баъди ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалномаи суд оиди аъзои оилаи молик эътироф кардан ва ба манзил ва ё хонаи молик, ки хусур ё хушдомани зан мебошад, маскун намудани зан ва фарзанди ноболиғи ӯ, минбаъд соҳибмулк бе розигии маскунашуда наметавонад, ба пуррагӣ ҳуқуқҳои соҳибмулкии худро ихтиёрдорӣ намояд, яъне манзилашро бегона кунад.

Дар ҳамин ҳолат коллизияи санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба амал меояд. Ин ҳолат бо Кодекси манзилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ ба низом дароварда нашудааст ва оиди ин ягон қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузории манзил дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ қабул карда нашудааст.

Меъёрҳои Кодекси Манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 декабри 1997 сол қабул шудаанд, ки масъалаҳои маскунро ба танзим медаровардаанд куҳна шуда, ба талаботи ҷории ҷомеа ҷавобгу нестанд.

## Мушкилиҳо дар амалияи ҳуқуқӣ. Ҳулоса ва тавсияҳо

Таҳлили муроҷиати шаҳрвандон ба бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ нишон дод, ки асосан сарчашмаҳои мушкилиҳои хуқукӣ ин паст будани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва вазнин будани сатҳи иқтисодии мурочиаткунандагон мебошад. Инчунин сарчашмаҳои мушкилиҳо ин мушкилӣ ва норасогиҳо дар қонунгузоӣ ва дар амалия мебошад.

Дар асоси маълумотҳои дар боло қайд шуда, ҳулоса карда мешавад, ки мутобиқи қонунгузории оилавӣ ақди никоҳ танҳо дар бахши сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ баста шуда, эътироф карда мешавад. Никоҳе, ки бо расму оини динӣ баста шудааст, ягон аҳамияти ҳуқуқӣ надорад. Бо вуҷуди ин, омори мурочиати шаҳрвандон оиди муқарар намудани падарӣ, маскун кардан, кучонидан аз манзили истиқоматӣ ва тақсимоти моликият шаҳодати он аст, ки аксарияти шумораи никоҳҳо то ҳол бо расму оини динӣ баста мешаванд.

Баҳсҳои молу мулкӣ байни ин шахсон ҳалли худро бо дастрасии талаботҳои муносибатҳои граждании ва оилавӣ меёбанд.

Боз бо вазнин будани вазъи иқтисодӣ, алалхусус занон, мурочиатҳо вобаста ба муносибатҳои манзилӣ зиёд шудаанд. Аз байни онҳо мурочиати бештар вобаста ба эътироф намудани аъзои оилаи молик ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ ташкил медиҳад. Бинобар мавҷуд набудани меъёрҳои дақиқ дар Кодекси манзил ва таҷрибаи судӣ оиди ҳалли баҳсҳои манзил, ҳалли чунин категорияҳои парвандаҳо манфиатҳои қонунии соҳибмулкро поймол намуда ва шахси маскун шударо низ пурра қаноатбаш намекунад.

Дар асоси маълумотҳои дар боло қайд шуда тавсияҳои зерин пешниход карда мешаванд:

1) Мушкилӣ дар гирифтани шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ

Барои таввачҷӯҳи раёсати бақайдгирии ҳолатҳои шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шавад, ки сабти асноди шаҳрвандӣ, ки ба талаботи моддаи

Created by Universal Document Converter

15-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ» бе ҷуну чаро иҷро намуда ва фармоиши шифоҳии ғайриқонунии шахсони аввалини мақомоти ҳокимияти маҳаллиро иҷро накунанд.

2) Мушкилӣ дар пардохти алимент

Бо мақсади дар амалия иҷро шудани моддаи 42[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» бо кушишҳои якҷояи қӯшунҳои сарҳадӣ, адлия, муҳоҷират ва ғайраро зарур аст, ки механизми иҷроро дар шакли санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар сурати иҷро накардани ҳалномаи судӣ оиди руёнидани алимент метавонад муввақатан баромадани қарздоро аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд созад.

3) Мушкилӣ дар маскун намудан ба манзили истиқоматӣ

Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди ҷомеа ақиб мондааст. Барои такмил додани Кодекси манзил, ба он бояд тағйироту иловаҳо назарас ворид карда шавад, ки ба талаботҳои муосири рушди ҷомеа ва ё онро дар таҳрири нав қабул намоянд. Барои бартараф кардани ихтилофот байни моддаи 121, 122 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 232 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин, ки нороҳати дар амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ вобаста ба моликияти худ ба вуҷуд наояд.

Умуман дар баробари корҳои анҷомшуда ва дастовардҳои муайян дар рафти татбиқи Консепсия муаммою мушкилот низ ҷой доранд. Чунончӣ:

- яке аз мушкилот дар рафти таҷрибакунонии Консепсия ин дуруст дарк нашудани моҳияти он аз тарафи мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Мусоидати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ҷиҳати татбиқи Консепсия, ки дар банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2015 сол, №425 муқаррар шудааст, на дар ҳама шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ ба назар мерасад.

Баракс дар шаҳру ноҳияҳое, ки роҳбарияташ барои амалинамоии Консепсия мусоидати ҳаматарафа доранд, ҳуқуқшиносони Муассисаро ба нафъи мардуми маҳал истифода намуда истодаанд. Масъалан ҳуқуқшиносони Муассисаро ба ҳамаи чорабинӣ, ҷаласаю машваратҳо ва рӯзҳои қабули шаҳрвандон даъват намуда, барои ҳалли мушкилоти ҳуқуқии сокинони маҳал сафарбар мекунанд;

- мушкилоти дигар норасоии кадрҳо ва сатҳи пасти тахассуси онҳо мебошад. Ҳарчанд ки ҳамасола теъдоди зиёди ҳуқуқшиносон мактабҳои олии кишварро хатм мекунанд, вале дарёфт кардани ҳуқуқшиносони касбӣ ва дорои донишҳои кофӣ дар маҳалҳо бисёр мушкил аст.

- мушкилоти аз ҳама асосие, ки дар соли 2019 ба миён омаданаш мумкин асту моро нигарон кардааст ин маблағгузорӣ намудани як қисмати хароҷотҳои Муассиса аз ҳисоби маблаҳҳои буҷети давлатӣ мебошад. Мувофиқи талаботи Консепсия маблағгузории татбиқи он ду давраро (дар маҷмӯъ 8-солро) дар бар мегирад. Се соли аввал давраи таҷрибакунонӣ, ки дар ин давра 90 фоизи хароҷот аз ҳисоби донорҳои хориҷӣ ва 10 фоиз аз ҳисоби давлат дар шакли пешниҳоди ҷоий корӣ ва пардохтҳои ҳаққи хизматрасониҳои коммуналӣ бояд сурат гирад. Панҷ соли дигар бошад давраи гузариш, ки дар ин давра ҳамасола ҳиссаи

Created by Universal Document Converter

давлат бояд 20 фоизӣ афзуда, дар ниҳоят баъди гузашти панҷ сол хароҷотҳои Муассиса пурра ба уҳдаи давлат гузарад.

Чуноне, ки дар боло зикр намуда будем бо дарназардошти баъзе аз омилҳои объективӣ, дар мувофиқа бо намояндагони донорҳои хориҷӣ ва бо қарори Комиссия оид ба мониторинг ва баҳодиҳии сифати ёрии ҳуқуқии ройгон давраи таҷрибакунонии Консепсияро барои як соли дигар дароз намудем. Яъне соли 2019 низ ҳиссаи донорҳои хориҷӣ дар татбиқи Консепсия дар ҳаҷми 90 фоизи ҳамаи хароҷотҳо амалӣ карда хохад шуд.

Мушкилот дар он зоҳир мегардад, ки агар дар давоми соли 2019 Вазорати адлия бо Вазорати молия ҷиҳати 20 фоизи хароҷоти Муассисаро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон  барои соли 2020" пешбинӣ намудан ва инчунин ба ҳаҷми 20 фоизии дигар зиёд намудани он дар солҳои минбаъда ба мувофиқа нарасанд, пас хатари аз тарафи донорҳо қатъ гаштани маблағгузории Консепсия ба миён меояд.

Ин дар навбати худ боиси он шуда метавонад, ки заҳматҳои чорсолае, ки барои барпо кардани низоми наву муосири расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон, ки ба омӯзишу татбиқи таҷрибаи давлатҳои пешрафта асос меёбад, барабас меравад ва тавсияҳои СММ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаасту яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад, иҷро нагардад.

Муассиса барои соли 2019 амалӣ намудани якчанд чорабиниҳоро ба нақша гирифтааст. Чунончӣ,

1. Фаъолияти расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони якумдараҷаро дар якчанд шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ васеъ менамояд. Яъне дар назар аст, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи марказ бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ таъсис дода мешаванд.

2. Ҳамчунин аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои нав доираи фаъолияташро дар соҳаи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа боз ҳам густариш мебахшад.

3. Шакли ниҳоии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ", мутобиқ намудани дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини фаъолияти низоми нави расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон таҳия намуда,  барои хулосаю баррасии мақомотҳо ирсол карда мешавад.

Дар охир қайд кардан зарур аст, ки Муассиса бо намояндагони донорҳо дар муносибати зичи корӣ қарор дошта, тамоми масъалаҳо (мушкилоту муаммоҳо)-ро бо назардошти манфиатҳои миллию давлатӣ, бо роҳи машварату музокирот ҳаллу фасл намуда истодааст.

**Директори**
**Муассисаи давлатии**
**«Маркази ёрии ҳуқуқӣ»** **Нусратов Л.М.**

Created by Universal Document Converter